**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи “Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2022. – 28 саҳ.).**

Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз ба яке аз мавзӯҳои мубрами илми ҳуқуқи коснтитутсионии ватанӣ – “Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати диссертатсияи мазкур муайян гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми автореферат 28 саҳифаро ташкил медиҳад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми тақсимоти ҳокимият масъалаи мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Мақомоти прокуратура аз ҷумлаи сохторҳоест, ки барои амалисозии принсипи боздорӣ ва мувозинат миёни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд нақши муҳимро иҷро мекунад. Моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон кардааст. Меъёри мазкур талаб мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо эътироф ва риоя гарданд, балки мавриди ҳимоя низ қарор гиранд.

Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи давлат ва мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти прокуратура мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 9 муқаррар кардааст, ки ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Ин меъёри конститутсионӣ самтҳои нави илмиро дар илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошт, ки яке аз онҳо масъалаи муайян намудани мақоми прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёд дар ин самт то ҳол мақоми ин ниҳод дар низоми тақсимоти ҳокимияти давлатӣ муайян карда нашудааст. Мутаассифона, қонунгузории танзимкунандаи ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура низ ин масъаларо ҳал накардааст. Фаъолияти мақомоти прокуратураи имрӯзаи Тоҷикистон низ ба ин суол посухи дақиқу равшан дода наметавонад. Яъне, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам амалӣ масъалаи мазкур мубрам буда, ҷавоби худро ҳам аз ҷониби олимон ва ҳам аз ҷониби мутахассиони соҳа талаб менамояд.

Муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таърихӣ ва мурофиавӣ, балки аз лиҳози ҳуқуқи конститутсионӣ низ масъалаи муҳим буда, вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура аз нигоҳи илм ва соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқоти ҷиддиро металабад. Дар ин росто, таҳқиқи анҷомдодаи муаллифи автореферат дар ҳалли ин масоили мубрам нақши калон мебозад.

Дар робита ба муайян намудани мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф таърихи пайдоиш ва инкишофи ин ниҳоди муҳими давлатиро дар Тоҷикистон таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки ташаккули мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон аз асри XX оғоз меёбад, яъне аз лаҳзаи таъсиси ҶХШБ ва ҶМШС-и Туркистон, сониян бо ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон ва ниҳоят бо таъсис

ёфтани ҶШС-и Тоҷикистон. Ҳангоми даврабандӣ мо мақоми ҳуқуқии кишварамонро, ки дар марҳилаҳои зикргардида соҳиб буд, ба инобат мегирем. Бо ин назардошт, чунин чор марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи мақомоти прокуратураро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем - давраи пос аз инқилоб, давраи ҷумҳурии мухтор, давраи ҷумҳурии советӣ, давраи истиқлолият.

Барои муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми тақсимоти ҳокимият, муаллифи автореферат қайд менамояд, ки нақши муҳимро функсияҳои ин мақомот иҷро менамоянд, ки он фаъолияти мушаххаси ҳуқуқӣ бо назардошти эҳтиёҷоти давлат мебошанд, ки асоси онҳоро назорати риояи дақиқи қонунҳои амалкунандаи кишвар, ташкил медиҳад. Дар моддаи 93-и Конститутсияи ҶТ функсияи ягонаи мақомоти прокуратура – назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо маънидод гардидааст. Функсияҳои дигаре, ки дар қонуни конститутсионӣ дарҷ гардидааст, ба сифати функсияҳои иловагӣ баромад менамоянд. Моҳиятан чунин функсияҳои иловагии мақомоти прокуратураро метавон чудо намуд: – иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби суд, таъқиби ҷиноӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ.

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки мақомоти прокуратура ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия шомил набуда, аз ҷумлаи мақомоти мустақил ва мутамаркази ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, мақомоти прокуратура дар ҷараёни амали намудани фаъолияти худ таҳти назорати Президенти ҶТ ҳамчун сарвари давлат, таъминкунанда ва ҳамоҳангсозандаи мақомоти давлатӣ, роҳбари мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ҳомии Конститутсия, қарор дорад.

Муайян ва мустаҳкам намудани мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва ҳимояи ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калон мебозад.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат ба танзими қонунгузорӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз баъзе аз эродҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, муаллиф дар тавсияҳои амалии худ пешниҳод карда аст, ки ба моддаи 1-и Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид гардида, калимаи “мақомот” ба ибораи “мақомоти ҳокимияти давлатӣ” иваз карда шавад. Аз рисоланавис хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи рисолаи худ оид ба ин масъала бештар равшанӣ андозад.

Ин эрод хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад. Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи

конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**д.и.х., профессор** **Ғафурзода А.Д.**

**Имзои Ғафурзода А.Д.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Ш.Б.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**734003, ш. Душанбе, к. С.Носир 33,**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Тел: 224 17 86. Факс: 224 83 93**
**Email:info@apa.tj**